"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», д.и.ҳ., профессор
____________________ Раҳмон Д. С.
«_____» ______10______ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги «МДТ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади 22.02.1994 дар ноҳияи Восеъ дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2017 факултети омӯзгорӣ (ҳозира факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намуда, аз соли 2017 ба сифати муаллими кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» фаъолият дорад.

Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади аз соли 2019 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» мебошад.

Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» зери

роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ ба анҷом расонидааст.

Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогика ва фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» баромади довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадиро дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ», хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш) ва ба *банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия) ва ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарбия ва таълим бо истифода аз ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила нигаронида шудааст.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади, ки дар тарбия ва ташаккули арзишҳои маънавии насли наврас тавассути ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, 2 дастури таълимӣ, 8 мақолаи илмӣ, ки 4 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмиии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсия намудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

1. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:

[1-М] Ҷумахон, А., Абдураҳмони М. Асосҳои педагогии тарбия ва ташаккули муносибатҳои оилавӣ дар низоми нави таҳсилот/Муҳаммадӣ А.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 8, 2021. - С. 229 - 305. **ISSN** 2074-1847.

[2-М] Абдураҳмони М. Мушкилоти тарбияи оилавӣ/Муҳаммадӣ А.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 11, 2022. - С. 300 - 305. **ISSN** 2074-1847.

[3-М] Абдураҳмони М. Баъзе хусусиятҳои масъалаҳои тарбиявӣ/Муҳаммадӣ А.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 12, 2022.- С. 282 – 287. **ISSN** 2074-1847. **ISSN** 2222-9809.

[4-М] Абдураҳмони М. Коллективи педагогии мактаб, ҳамкории оила ва ҷамоатчигӣ нисбати вазъи таълим ва тарбияи кӯдакони хурдсол/ Муҳаммадӣ А.//Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3(48), 2023.-С. 45-51

2. Дастури таълимӣ, монографияи илмӣ, мақола ва маводе, ки дар маҷмуаи маводи конференсияҳо чоп шудаанд:

[5-М] Абдураҳмони М. Асосҳои педагогика ва психологияи махсус (Дастури таълимӣ)/М.Абдураҳмон [Матн]. -Душанбе: «Матбаа», 2021. - 87 с.

[6-М] Абдураҳмони М. Инъикоси масъалаҳои ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи насли наврас (Дастури таълимӣ)/М. Абдураҳмон [Матн]. - Душанбе: «Матбаа», 2022. -126 с.

[7-М] Маҳмадизода А. Муносибатҳои оилавӣ дар тарбия ва ташаккули хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар низоми нави таҳсилот//Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият асоси арзёбии раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ". - Кӯлоб, 2024. - С.147-152.

[8-М] Абдураҳмони М. Асосҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ (монографияи илмӣ)/М.Абдураҳмон [Матн]. - Душанбе: «Матбаа», 2023. - 95с.

[9-М] Абдураҳмони М. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар фарҳанги ниёгони тоҷику-форс//Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Накши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти

миллии кишварҳои Осиёи марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон”. - Кӯлоб, 2022. - С.187-189.

[10-М] Абдураҳмони М. Муҳтаво ва моҳияти тарбияи арзишҳои умумибашарӣ//Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019”. - Кӯлоб, 2020. - С. 312-314.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,3, 4, 5,6-и шаҳри Кӯлоб, ва №47-и н.Восеъ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи фанҳои гуманитари ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила ироа ва тасвиб шудаанд.

5. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мазкур масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дар омезиши дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмуи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кардааст, оид ба мазуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърузаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳаммияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштašуда ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

Роҳу воситаҳои рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ муайян ва асоснок кардааст. Дар кори диссертатсионӣ махсус қайд шудааст, ки мушкилоти моддӣ ва психологии

оилаи тоҷик ба пайдоиши мушкилоти тамоман нав, ки қаблан ғайримуқаррарӣ ва таълимӣ буданд, оварда расониданд. Набзи муосири ҳаёт, баланд шудани сатҳи низоъ дар муносибатҳои оилавӣ, афзоиши шуғли падару модарон ва сатҳи пасти салоҳияти падару модар вижагии муносибатҳои кӯдакону падару модаронро ба таври назаррас таҳриф мекунад. Ин дар ба расмият даровардани иртиботи падару модар бо кӯдак, аз байн рафтани шаклҳои муштараки фаъолият ва истироҳат, набудани муносибатҳои шавқовар ва бодиққат бо ҳамдигар зоҳир мешавад, ки аксар вақт боиси ташаккули худбинии номуносиб дар кӯдак, худбоварӣ, пайдоиши шаклҳои манфии худшиносӣ ва дар ҳолатҳои шадид мегардад, дар беэътиноии педагогии кӯдак, ақибмондагии ақлӣ, зуҳуроти асотсиалӣ дар рафтор ва ғайра зоҳир мешавад.

Дар зери таъсири омилҳои сершумори ҳаяҷону изтироб, оила аксар вақт вазифаи иҷтимоии худро иҷро намекунад, ҳифзи кӯдаконро кафолат намедиҳад ва аъзои оила баъзан ба саломатии ҷисмонӣ ва руҳии ӯ зарар мерасонанд. Бисёре аз кӯдакон дар оила дар маҳрумияти иҷтимоӣ ва равонӣ зиндагӣ мекунанд, аз ҷониби падару модарон дастгирии психологӣ эҳсос карда мешавад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва педагогӣ маҳруманд.

Коркарди амсилаҳои муосири ҳамкориҳои самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ, таҳлили вазъи иҷтимоию педагогии имрӯза, таҷрибаи кори психологӣ ва педагогӣ бо падару модарон, ҷамъоварии маълумоти илмию таҳқиқотӣ ва таҳлили онҳоро талаб мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон мухтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни факултаҳои педагогика ва психологияи ҷумҳурӣ тадрис намуд. Муҳаққиқон ва унвонҷӯёни риштаҳои педагогика ва психология метавонанд ҳангоми таълифи мақола ва рисолаҳои илмӣ аз хулосаҳою натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда истифода намоянд.

Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогика ва фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» баромади довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади, хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 24 нафар, аз он ҷумла 1 нафар доктори илм, профессор, 6 нафар номзади илм, 2 намоянда аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 24 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласаи васеи кафедраҳои педагогика ва фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бозоров Хушвахт

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М.И.
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов П.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон Дилафрӯз Р.

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16; Тел. (+992 8 33 22) 2-35-07 E-mail: info@kgu.tj

*Имзоҳои Бозоров Х., Иззатова М.И., Лоиқов П. ва Дилафрӯз Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Амиров Ф.А.